Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №149 (2976) | ШАНБЕ, 8 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мулоқот бо Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳаммадов



**Чоруми декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашқобод бо Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимуҳаммадов мулоқот намуд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Туркманистон дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва савдо, илму техника ва фарҳанг баррасӣ шуд.

Аз пайвастагии вохӯриҳои сатҳи олӣ ва дигар сатҳу зинаҳои роҳбарияти ду кишвар ва ҳам аз густариши робитаҳо дар бахшҳои тиҷорат, энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва ғайра изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба робитаҳои ду кишвар дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дигар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ ва оид ба рушди ҳамкорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Дар бораи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 13 декабри соли 2012 соати 9[00] дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-12 декабри соли 2012 аз соати 8[00] то соати 17[00] дар бинои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи №231 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо: 221-81-28, 227-18-98.

## Иштироки Оқил Оқилов дар ҷаласаи сарвазирони СҲШ

**5 декабри соли 2012 дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон ҷаласаи Шӯрои сарвазирони кишварҳои узви СҲШ баргузор шуд, ки дар он Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов иштирок кард.**

Дар ҳамойиши навбатии сарвазирони кишварҳои узви СҲШ аз рӯйи муқаррарот ва барномаи кории ҷаласа Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов нахуст дар нишасти хосаи роҳбарони ҳайатҳои расмӣ ва баъдан дар нишасти ҳайатҳои васеъ иштирок ва суханронӣ намуд.

Сарвазири мамлакат оид ба раванди ҳамгиройиҳои давлатҳои аъзои СҲШ аз давраи баргузории ҷаласаи қаблӣ то ба имрӯз ёдовар шуда, таъкид кард, ки бо ташаббуси давлатҳои аъзои созмон чорабинӣ ва тадбирҳои дар ин давра амалинамудаи сохторҳои гуногуни СҲШ дар самти ҳамкориҳои иқтисодӣ ва форумҳои сармоягузорию тиҷоратӣ барои дар оянда тақвият ёфтани ҳамгиройиҳои давлатҳои аъзои созмон заминаҳои созгору мусоид фароҳам овард.

Ба андешаи Сарвазири мамлакат яке аз самтҳои дигари расидан ба ҳадафҳои созанда -ин ташкили рафтуои бемамониати нақлиётӣ ва баланд бардоштани иқтидори нақлиётӣ дар қаламрави давлатҳои созмон мебошад.Татбиқи лоиҳаҳо дар ин самт, беҳдошти рафтуомади байналмилалии нақлиётӣ ва навсозии роҳҳои оҳану автомобилӣ имкон фароҳам хоҳанд овард, ки дар оянда гардиши молу маҳсулот дар ҳудуди давлатҳои аъзои созмон ба маротиб боло рафта, иқтидору имконоти мавҷуда устувор нигоҳ дошта шавад.

Ҳамзамон Оқил Оқилов дар суханронии худ оид ба истифодаи самараноки иқтидорҳои гидроэнергетикӣ дар минтақа ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар соҳаҳои энергетика ва сохтмони роҳҳои оҳани байнидавлатӣ изҳори назар карда, омодагию ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистонро барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои созандаю манфиатнок дар ин самт баён намуд.

Дар ҷаласа як қатор ҳуҷҷатҳо доир ба таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва фаъолияти минбаъдаи созмон ба имзо расид. Дар анҷом бо иштироки сарвазирони ҷумҳуриҳои узви СҲШ нишасти матбуотӣ баргузор шуд .

Дар доираи иштирок дар ҳамойиши Шӯрои сарвазирони ҷумҳуриҳои узви СҲШ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Атамбоев ва Сарвазири ин кишвар Жалторо Сотиболдиев мулоқот намуд.

Дар вохӯриҳо масоили ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бахшҳои иқтисоду тиҷорат, энергетика ва роҳу нақлиёт мавриди баррасӣ қарор гирифта, зарурати пурзӯр гардонидани фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тақвияти муносибатҳои ду давлат дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай махсус таъкид шуд.

*АМИТ «Ховар»*

## Ҳамойиши сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Ашқобод

**Панҷуми декабри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашқобод-пойтахти Туркманистон дар ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) иштирок намуд.**




Барои ширкат дар ин ҳамойиш ба Ашқобод, ҳамчунин сарони дигар давлатҳои аъзои ин созмон, аз ҷумла Арманистон, Беларус, Россия, Қазоқистон, Украина, Ӯзбекистон, Сарвазири Молдова, Сарвазири Озарбойҷон ва вазири корҳои хориҷии Қирғизистон ташриф оварданд.

Дар ҷаласа наздики 20 масъала, аз ҷумла масоили ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва вобаста ба фаъолияти Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ ва шабакаи муттаҳидаи мудофиаи зиддиҳавойии кишварҳои аъзои ин созмон баррасӣ шуд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳоро бештар ба рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои иқтисод ва савдо, нақлиёту коммуникатсия ва энергетика ҷалб намуда, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Муносиботи иқтисодӣ заминаи асосии ҳамкорӣ дар ҳамаи бахшҳои дигар мебошад ва бе рушди дилхоҳи кор дар ин самт робитаҳои сиёсӣ ва илмию фарҳангии мо наметавонанд густариши судманд дошта бошанд».

Баъди муҳокимаи масоили рӯзнома, ки дар мулоқоти хосаи сарони давлатҳо ва дар музокирот бо иштироки ҳайатҳои расмӣ сурат гирифт, аз ҷониби сарони давлатҳо ва ҳайатҳо як зумра санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Эъломияи сарони давлатҳои ИДМ оид ба рушди минбаъдаи ҳамкории ҳамаҷониба, Қарор дар бораи таҷлили 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, Созишнома дар бораи ҳамкорӣ барои ташкили бозори якҷояи асъори хориҷӣ ва созишномаҳо доир ба омодасозии мутахассисони сохторҳои зиддитеррористӣ ва таъмини моддию техникии чунин мақомот аз ҷумлаи санадҳои имзошуда мебошанд.

*www.prezident.tj*

## Ифтитоҳи мактаби нав дар ноҳияи Ҳисор



**Шашуми декабри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои ифтитоҳи як мактаби нав ва оғоз бахшидан ба сохтмони иншооти зиёди ҷашнӣ бахшида ба сеҳазорумин солгарди Ҳисори шодмон ба ин ноҳия ташриф овард.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба деҳаи Ғайратободи деҳоти «Сомон» ташриф оварда, мактаби наву зебои ин деҳаро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Зимни шиносоӣ бо шароити мактаб иттилоъ дода шуд, ки он бо 24 синфхона барои 1280 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Чунонки аён гардид, синфхонаҳои мактаб, аз ҷумла озмоишгоҳҳои махсуси фанҳои дақиқи физика, кимиё, биология ва синфхонаҳои компютерӣ дорои шароити муосири таълимӣ мебошанд. Мактаб бо харҷи қариб 9 миллион сомонӣ маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бунёд ёфта, дорои толори барҳавои маҷлисӣ, толор ва майдони калони варзишӣ, ошхона ва дигар шароити зарурӣ аст.

Мактаббачагони деҳа ва падару модарони онҳо аз ифтитоҳи мактаби нав басо хушҳол гардиданд, зеро мактаби пешинаи деҳа дар ҳолати садамавӣ қарор дошт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар толори маҷлисии мактаб дар назди мактаббачагону волидони онҳо ва фаъолони ноҳия суханронӣ намуда, таълиму тарбияи босифати насли навраси кишварро вазифаи муҳими тамоми аҳли ҷомеа арзёбӣ намуд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки мактаббачагони ин деҳа бо истифода аз шароити хуби мактаби нав донишу малакаи худро беш аз пеш сайқал медиҳанд.

*www.prezident.tj*

**● Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Қонуни нав шарикии давлат ва бахши хусусиро ба танзим медорад



Суратгир А. ИСОЕВ

Панҷуми декабри соли 2012 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия баргузор гардид, ки дар он як қатор масъалаҳо, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Раиси Кумитаи мазкур Саидмурод Тағоев оиди ҳар яки ин масъалаҳо ба таври муфассал маълумот дод.

Аъзои Кумита –Ғайбулло Авзал, Фазлиддин Шоиддинов, Заррина Раҷабова ва дигарон андешаҳояшонро атрофи қонунҳои мавриди назар баён дошта, онҳоро ҷонибдорӣ намуданд.

Хулосаҳои Кумита дар ин робита ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

*Неъматулло СОЛЕҲОВ, «Садои мардум»*



Суратгир А. ИСОЕВ

## Тағйиру иловаҳо моҳияти такмилдиҳӣ доранд

**Сеюми декабри соли ҷорӣ ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа баргузор шуд.**

Аз сухани ифтитоҳии раиси Кумитаи мазкур Убайдулло Қурбонов маълум гардид, ки ба рӯзномаи ҷаласа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» ворид шудаанд.

Убайдулло Қурбонов масъалаҳои фавқуззикрро шарҳ дода, зикр кард, ки тағйиру иловаҳои ба ин қонунҳо воридгардида моҳияти такмилдиҳиро доро мебошанд.

Вобаста ба масъалаҳои мавриди баррасӣ аъзои Кумита андешаҳояшонро иброз доштанд.

Дар анҷоми ҷаласа доир ба масъалаҳои рӯзнома дар алоҳидагӣ хулосаҳои Кумита ба Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардид.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

# Саводнокии омӯзгор ва сатҳи одобу ахлоқи ӯ дар дараҷаи аввал меистад

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи мактаби рақами 59-и деҳаи Ғайратободи ноҳияи Ҳисор**

*6 декабри соли 2012*





**Устодони муҳтарам ва фарзандони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли равон низ барои халқи куҳанбунёду фарҳангпарвари мо ҳамчун соли вусъати корҳои ободониву созандагии кишвари азизамон дар саҳифаҳои таърихи тоҷикон сабт мегардад.

Ҳамчун идомаи ташаббусҳои бунёдкории мардуми заҳматпешаву ободкорамон мо имрӯз боз як муассисаи таълимии навро мавриди баҳрабардории насли ояндасози Ватанамон қарор додем.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо - устодону шогирдони азиз, кулли мардуми заҳматпешаи ноҳияи Ҳисор ва ҳозирини гиромиро табрик мегӯям. Инчунин ба бинокорон ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёди ин муассисаи таълимӣ саҳм гузоштаанд, яъне дар бунёди муассисаи нури маърифат ширкат карда, кори савобро анҷом додаанд, арзи сипос менамоям.

Воқеан, саҳм гузоштан дар сохтмони мактаб, ки манбаи савод ва илму маърифат мебошад, барои мардуми мо аз қадимулайём кори хайру савоб ба ҳисоб меравад. Зеро насли наврас илму донишҳои замонавӣ, ахлоқи ҳамида, дӯст доштани Ватан ва кӯшиш барои ободии онро фаро мегирад.

Бовар дорам, ки мактаби замонавии мазкур дар тарбияи наврасону ҷавонон ва ҳамчун шахсиятҳои маъруфу содиқи Ватан ба камол расидани онҳо саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Ҳукумати мамлакат дар баробари амалӣ намудани чораҳои зарурӣ ҷиҳати рушди иқтисодии кишвар, инчунин барои пешрафти соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва таълиму тарбияи наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамояд.

Мактаби нави имрӯза, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷет бо харҷи қариб 9 миллион сомонӣ аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, барои таҳсили 1280 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст, бо тамоми шароити зарурии муосир, синфхонаҳои таълимӣ, озмоишгоҳҳои махсуси фаннӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, толори варзишӣ ва ошхонаву дигар иморатҳои ёрирасони муҷаҳҳаз таъмин мебошад.

Мақсади асосии мо аз бунёди мактабу синфхонаҳои иловагӣ ва таълимгоҳҳои нав дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла дар ноҳияи Ҳисор, пеш аз ҳама фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи замонавии насли наврас ва ҳамаҷониба омода намудани онҳо ба талаботи рӯзафзуни ҷаҳони муосир аст.

Бояд гуфт, ки маориф ҳамчун соҳаи муҳим ва афзалиятноки ҳаёти ҷомеа дар ташаккули инсон, рушди ҷаҳонбинии фардиву иҷтимоии шахсият ва тарбияи ӯ дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои милливу умумибашарӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Ҳамзамон бо ин, дар хотир бояд дошт, ки бе омӯзиши мероси илмиву фарҳангии гузаштагонамон ва эҳтирому арҷгузорӣ ба он эъмори ҷомеаи муосири пешрафта аз имкон берун аст.

Аз гузаштаи пурифтихорамон аён аст, ки дар душвортарин лаҳзаҳои таърихи халқамон фарзандони фарзонаи миллатамон бо донишу таҷриба ва ғайрату номуси худ Ватани моро аз вартаи мушкилот раҳо дода, барои рушду ободии он содиқона хизмат кардаанд.

Аз ҷумла водии Ҳисор чун диёри фарҳангофари кишвари азизамон дар оғӯши худ шахсиятҳои муътабареро тарбия кардаву ба камол расонидааст, ки дар пешрафти сарзамини аҷдодӣ саҳми муносиб гузошта, бо фаъолияти созандаашон дар назди Ватан ва халқи тоҷик эҳтироми бузург доранд.

Бо камоли ифтихор мехоҳам номи яке аз шахсиятҳои фарзонаи ин диёри зебоманзар - устод Мирзо Турсунзодаро чун намунаи ибрат барои насли имрӯз ба забон орам.

Мирзо Турсунзода чун ходими ҷамъиятиву сиёсӣ, шахси инсондӯст, ҳомии сулҳу оромӣ ва адолати иҷтимоӣ ба унвони олитарини Ватан - Қаҳрамони Тоҷикистон мушарраф гардидааст, ки ин бесабаб нест. Зеро ин абармарди намоёни халқи тоҷик аз ҷумлаи адибон ва сиёсатмадороне буд, ки дар замони худ рисолати таърихиашро дар назди миллат ва тақдири ояндаи он дарк намуда, тамоми саъю талош ва донишу малакаи худро барои пешрафти илму маориф ва адабиёту фарҳанги тоҷик ва муҳимтар аз ҳама, барои таҳкими сулҳ ва дӯстиву ҳамкории байни миллатҳо равона сохтааст. Ҳамин аст, ки корномаи ӯ боиси ифтихори тамоми тоҷикон мебошад.

Хизмати содиқонаву софдилонаи фарзандони баору номус ва номбардорони Ватани маҳбубамон, ба монанди Мирзо Турсунзода барои наслҳои имрӯза ва ояндаи халқамон, бояд намунаи ибрат бошад.

Мо - падару модарон ва омӯзгорон бояд фарзандону шогирдони худ ва умуман насли имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло дар ноҳияи Ҳисор зиёда аз 140 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо беш аз 54 ҳазор кӯдакону наврасон ба раванди таълиму тарбия фаро гирифта шуда, қариб се ҳазор нафар устодон ба шогирдон дарс мегӯянд.

Дар зарфи панҷ соли охир аз ҳисоби буҷет дар ҳудуди ноҳия даҳҳо муассисаи нави таълимӣ сохта, аксарияти мактабҳои мавҷуда аз таъмири асосӣ бароварда шуданд. Инчунин бунёди боз чор мактаби нав ба лоиҳаи сохтмонии соли 2013 ворид гардидааст.

Илова бар ин, дар доираи нақшаи генералӣ ва омодагӣ ба ҷашни сеҳазорсолагии Ҳисори Шодмон, яъне дар се соли оянда мактаби таҳсилоти умумӣ барои 640 нафар хонанда, Мактаби президентӣ барои 640 хонанда, синфхонаҳои иловагӣ, китобхона, осорхона, кохи фарҳанг барои 700 ҷойи нишаст, варзишгоҳи марказӣ бо 20 ҳазор ҷойи нишаст ва боғи фарҳангу фароғат бо чойхона ба нақша гирифта шудааст, ки мо имрӯз хишти аввали бунёди онҳоро мегузорем.

Вобаста ба раванди таълиму тарбия мехоҳам як масъаларо бо қаноатмандӣ хотирнишон созам.

Солҳои охир беш аз 80 нафар омӯзгорони касбӣ, ки бо сабабҳои гуногун тарки ин пешаи пурифтихор намуда буданд, бо беҳтар гардидани вазъи соҳаи маориф, баланд шудани музди меҳнат ва дигар ғамхориҳои Ҳукумат боз ба ҷойҳои кории пешинаи худ баргаштанд, ки ин, бешубҳа, ба ҷараёни муътадили таълиму тарбия дар мактабҳо мусоидат менамояд.

Алҳол мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Ҳисор дар доираи Барномаи компютерикунонии муассисаҳои таълимии мамлакат бо зиёда аз ҳазор компютери замонавӣ таъмин шудаанд ва имрӯз дар ноҳия ба ҳар 17 нафар хонанда як компютер рост меояд.

Бинобар ин, шумо - толибилмони азизро зарур аст, ки бо хониши хубу аъло ва интизоми намунавии худ ҳамеша сазовори номи баланди фарзанди Тоҷикистони соҳибистиқлол бошед ва ҳар як соати дарси устодони худро ғанимат дониста, барои аз худ кардани илму дониши замонавӣ кӯшишу ғайрат намоед.

Дар навбати худ кормандони соҳаи маориф - омӯзгорону мураббиён, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеаро зарур аст, ки барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи одобу ахлоқи ҳамида, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихор аз Ватан ва фарҳангу тамаддуни бостонии халқамон ҳамеша саъю талош намоянд.

Вазифаи ҳар як шахси солимфикру огоҳ ба хонандагон талқин намудани омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, забономӯзӣ ва дар навбати аввал ба дараҷаи аъло донистани забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ, аз худ намудани дастовардҳои навтарини техника ва технологияҳои муосир мебошад.

Албатта, ҳамаи он дастовардҳое, ки то имрӯз аҳли маорифи мо сазовор гардидаанд, аз таваҷҷуҳи давлату Ҳукумат ва муҳимтар аз ин, аз назари худи мардум дур намемонад.

Мо хуб медонем, ки тайи чанд соли охир донишу маҳорати шогирдони мактабҳои мо бо садҳо ҷоизаву мукофотҳои байналмилалӣ қадр карда шудаанд, ки ин боиси ифтихори на танҳо устодону омӯзгорон, балки тамоми мардуми Тоҷикистон аст. Вале бо вуҷуди ин, то ҳанӯз камбудиву норасоиҳое ҳастанд, ки дар роҳи таҳким бахшидани ин соҳаи ҳаётан муҳими иҷтимоӣ монеа эҷод мекунанд.

Бахусус коста гардидани одобу ахлоқи як иддаи мактаббачагон, ба қонуншиканиву ҷиноят ва дигар амалҳои ношоям даст задани баъзеи онҳо боиси ташвиш ва нигаронии ҷиддӣ мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд ва бо ҳамин роҳ пешгирӣ намудани зуҳуроти манфӣ дар ҳаёти кӯдакону наврасон имрӯзҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунад, ки татбиқи дурусту самараноки он яке аз омилҳои муҳими пешрафти ҷомеа ва миллату давлат хоҳад гашт.

Имрӯз ҳар яки шумо - хонандагони азизро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз неъматҳои бузург - сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, озодиву истиқлол ва соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ ҷиддан аз пайи омӯзиши илму дониш ва касбҳои замонавӣ шавед, то ки дар оянда ҷиҳати рушди кишвари маҳбубамон саҳми босазо гузошта тавонед.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мехоҳам бо истифода аз фурсат дар атрофи баъзе нуктаҳои мубрами таълиму тарбия ибрози ақида намоям, ки дар ҳолати аз мадди назар дур мондани онҳо ба ҳадафҳои волои худ расидани мо аз имкон берун аст.

Таълиму тарбия ҷузъи фарҳанги миллат буда, ҷавҳарест, ки ба воситаи он худи миллат пойдор ва ҷовидон мемонад.

Аз ин рӯ, таълиму тарбия аз ҳар ҷиҳат бо фарҳанг ва ормонҳои иҷтимоии мардум бояд иртиботи ногусастанӣ дошта бошад. Таълиму тарбияе, ки дар он фарҳанг ва ормонҳои волои ҷомеа сарфи назар мешаванд, ба таназзули фарҳанг ва коста гардидани ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад.

Агар таълиму тарбия дар худ фарҳанги миллатро таҷассум накунад, ба осудагии иҷтимоӣ ва пешрафти миллат мусоидат нахоҳад кард.

Омӯзиш бояд ҳадафманд бошад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҷомеаи муосир кӯмак расонад, хонандаро, дар навбати аввал дар рӯҳияи худшиносӣ, меҳру муҳаббат ба Ватан, ахлоқи ҳамида ва меҳнатдӯстӣ тарбия намояд.

Дар иҷрои ин кори душвор ҳам падару модарон ва ҳам омӯзгорон масъулият доранд. Таъкид месозам, ки дар ин кори муҳим аҳли ҷомеа низ набояд дар канор бошад.

Мардуми шарафманди мо мактабу муаллимро хеле гиромӣ медорад. Мо имрӯз дар масъалаи саводнокӣ ва ахлоқи ҳамидаи хонандагон дар ҳама вохӯриву мулоқотҳоямон ибрози ақида менамоем, вале дар баъзе мавридҳо ба сатҳу сифати дониш ва муносибати омӯзгор ба касби пурифтихори ӯ диққати ҷиддӣ намедиҳем.

Мутаассифона, миёни омӯзгороне, ки ҳастии худро ба мактаб, ба таълиму тарбияи насли наврас ва созандагони ояндаи кишвари маҳбубамон бахшидаанд, баъзе муаллимоне низ ҳастанд, ки дар кори таълиму тарбия фориғболӣ зоҳир менамоянд. Ин амали ноҷо ба шуури хонандагон ва сатҳи донишу тарбияи онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Маълум аст, ки саводнокии омӯзгор ва сатҳи одобу ахлоқи ӯ дар ҷомеа дар дараҷаи аввал меистад.

Агар омӯзгор савияи баланди дониши замонавӣ ва ахлоқи ҳамида надошта бошад, ҳама гуна ҷаҳду талошҳои давлату Ҳукумат, аз ҷумла сохтмони мактабҳо, таъмини онҳо бо таҷҳизоти замонавӣ, нашри китобҳои таълимӣ ва татбиқи дигар барномаву нақшаҳо дар ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд.

Дарки воқеияти имрӯз, яъне шинохти манфиатҳои миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ҳимояи Ватан-модар, хизмати содиқона дар роҳи пешрафт ва ободии кишвар талаботро нисбат ба омӯзгор даҳчанд баланд карда, дар айни замон мақому манзалати ӯро дар назди ҷомеа боз ҳам болотар мебардорад.

Агар омӯзгор талабаро ба ин хислатҳо мусаллаҳ карда тавонад, дар оянда рушду тараққиёти давлат ва кишвар таъмин мегардад.

Ман қаблан гуфта будам ва имрӯз низ таъкид менамоям, ки дониш қудрат аст.

Агар муаллим ин қудратро дар шуури хонандагон талқин кунад, ҳамаи кӯшиш ва малакаву таҷрибаи худро барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи шогирдони худ сафарбар намояд, онҳоро бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ карда тавонад, табиист, ки хонандагон дар бораи ҳама гуна зуҳуроти ҷамъиятӣ мантиқан хулоса мебароранд. Дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб менамоянд, фирефтаи ҷараёнҳои ифротӣ нагардида, ба халқу Ватани худ хизмати содиқона мекунанд.

Мақсади ягонаи мо ин аст, ки ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои муҳиму мубрам ва таҳлили равандҳои ҷаҳонишавӣ қодир бошанд ва дар маҷрои таҳаввулоти ҷаҳони муосир мақому манзалати сазовори Ватани маҳбубамонро ҳифз карда тавонанд.

Мо дастгириву пуштибонии мардуми бонангу номуси Ҳисорро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат, хусусан дар ҳимояи сохти конститутсионӣ дар солҳои муқовимати шаҳрвандӣ ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Чунонки шумо огоҳӣ доред, бо мақсади бузургдошти саҳми мардуми ганҷофару фарҳангпешаи водии Ҳисор дар таъриху фарҳанги миллати тоҷик бо қарори Ҳукумати кишвар соли 2015 ҷашни 3000-солагии ноҳияи Ҳисор таҷлил карда мешавад.

Фикр мекунам, ки ин чорабинӣ барои боз ҳам ободу зебо гардонидан ва ба як гӯшаи пешрафтаи Ватани соҳибистиқлоламон табдил додани он саҳми муносиб хоҳад гузошт.

Инчунин бовар дорам, ки сокинони фарҳангдӯсту шарафманди ноҳия, аз ҷумла соҳибкорони ҳимматбаланд ва шахсони саховатпеша дар доираи омодагӣ ба ҷашн корҳои ободониву созандагиро дар ҳар деҳаву ҷамоат ва ҳар кӯчаву хона вусъат мебахшанд ва бо ҳамин роҳ саҳми ватандӯстонаи хешро дар раванди ободу зебо гардонидани Ватани азизамон дареғ намедоранд.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар шумо - ҳозирини гиромӣ, фарзандони азиз ва тамоми мардуми ноҳияро бо муносибати ифтитоҳи муассисаи нави таълимӣ табрик менамоям.

Бигзор мактаби нав дар ояндаи наздик барои мардуми диёри зарнисори Ҳисор ва Тоҷикистони азизамон чеҳраҳои нави илму маърифатро тарбия ва муаррифӣ намуда, сафи номбардорони кишвари соҳибистиқлоли моро дар арсаи байналмилалӣ бамаротиб афзояд.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

## ● Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

# Масъала баррасӣ ва хулоса пешниҳод шуд

**Ҳафтуми декабри соли ҷорӣ ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология баргузор гардид.**

Раиси Кумитаи мазкур Давлатшо Гулмаҳмадов ҷаласаро ифтитоҳ намуда, гуфт, ки ба рӯзномаи ҷаласа як масъала – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» ворид гардидааст.

Давлатшо Гулмаҳмадов масъалаи мазкурро шарҳ дода, аз ҷумла иброз намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон А.Миралиев, М.Ҳақдодов ва Э.Эсанқулов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 1 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, сарфи назар аз шаклҳои моликияташон, барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сифати ҳавои атмосфера ва таъмини амнияти экологӣ танзим менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» аз 7 боб ва 35 модда иборат аст. Боби 1 муқаррароти умумӣ ном дошта, дар он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа, мақсад ва вазифаҳо, принсипҳо, объектҳо ва субъектҳои муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера, таснифи манбаъҳои партов ва моддаҳои ифлоскунанда шарҳ дода шудааст.

Дар боби 2 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера дарҷ гардидааст.

Бобҳои 3 ва 4 банақшагирӣ дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера, пардохт барои партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, бамеъёрдарорӣ, меъёрҳо, меъёрҳои сифати ҳавои атмосфера, меъёрҳои партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера ва меъёрҳои таъсири зараровари физикӣ ва ҳавои атмосфераро ба танзим медароранд.

Бобҳои 5 ва 6 масъалаҳои талабот дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера, баҳисобгирӣ, барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера ва мониторинги ҳавои атмосферо дарбар мегирад. Тибқи бобҳои мазкур шахсоне, ки аз воситаҳои нақлиёти механикӣ истифода мебаранд, ӯҳдадоранд меъёрҳои моддаҳои ифлоскунандаро дар таркиби газҳои коркардашудаи манбаъҳои сайёри партовҳо риоя намоянд.

Боби 7 муқаррароти хотимавӣ ном дошта, дар он масъалаҳои назорат, ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонун, дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур муқаррар гардидааст.

Аъзои Кумита оид ба ин масъала мулоҳизоти хешро иброз доштанд.

Дар хотима хулосаи Кумита оиди ҷонибдории қонуни мавриди назар қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

## ● 9 декабр – Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия

# Хиёнати иқтисодӣ ва поймоли манфиатҳои халқу миллат нобахшиданист

Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар тамаддуни ҷаҳон таърихи чандҳазорсола дорад. Башарият, аз ҷумла гузаштагони тамаддунофари мо, дар осори гаронмояи хеш бамаврид ришвахӯриро, ки яке аз аъмоли касифи инсонист, зери танқид гирифтаанд. Пас, маълум мегардад, ки мубориза бар муқобили пораҳӯриву ришваситонӣ реша бар умқи асрҳо дорад.

Дар қарни XX низ коррупсия ва дигар ҷиноятҳои иқтисодии ба он алоқаманд, ҳамчун зуҳуроти заиф гаштани пояи давлат эътироф шудаанд. Барои пешгирӣ аз ҳама гуна ҷиноятu ҷинояткорӣ ва муборизаи беамон бар зидди фаъолияти коррупсионӣ 31-уми октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия қабул шуда, рӯзи 9 декабри соли 2003 дар шаҳри Меридаи кишвари Мексика Конфронси сиёсии сатҳи баланд бо иштироки намояндагони зиёда аз 100 давлати иштирокчӣ барои ҳамроҳшавии давлатҳои ҷаҳон кушода эълон гардид.

Бо назардошти аҳамиятнокии масъалаи мазкур аз соли 2003 инҷониб бо ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид 9-уми декабр ҳамчун Рӯзи мубориза бо коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардид. Конвенсияи СММ ҳуҷҷате мебошад, ки асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро аз ҷониби давлатҳои аъзо ва меъёрҳои самти фаъолиятро ба танзим медарорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳуҷҷати мазкур 25-уми сентябри соли 2006 имзо гузоштааст. Аз ин рӯ, тибқи муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсияи мазкур, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардид, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар мебошад ва қонунҳои амалкунанда бояд ба талаботи он мувофиқ гардонида шаванд.



Вобаста ба ин санаи таърихӣ тайи давраи фаъолият Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои муҳим доир намуда, таҷлили ин санаи байналмилалиро бо гузаронидани конфронсу машғулиятҳои илмию назариявӣ, чорабиниҳои таблиғотӣ, баргузории вохӯриҳо бо хизматчиёни давлатӣ, хонандагон ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ, мутобиқ ба талаботи Конвенсияи СММ, мунтазам ба роҳ мондааст.

Паҳн гардидани коррупсия дар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро наметавонист ба ташвиш наорад, зеро раванди демократикунонии ҷомеа рӯ ба рӯйи коррупсия, дар ҳолати осебпазирӣ қарор дошт. Аз ин хотир бо ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қаторислоҳоти ҳуқуқӣ дар самти ба танзим даровардани сохтори қонунҳо мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ рӯйи кор омад ва барои мубориза бо коррупсия чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Дар арафаи рӯзи ҷашнгирии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 8 сентябри соли 1997, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳият ва ҳадафи мубориза бар зидди коррупсияро чунин арзёбӣ карда буд: «Барои мо муҳим аст, ки барои хотима ёфтани пораҳӯрӣ, талаву тороҷ кардани амволи давлатӣ, амвол ва саҳмияҳои халқ ва дигар ҷиноятҳои вазнин ба ягон кас, ба ягон мансабдор, сарфи назар аз обруй ва заҳматҳои қаблӣ, сустқавлӣ нанамоем...

Давлат барои хиёнати иқтисодӣ, амалҳои зиддиконститутсионӣ, поймолкунии манфиатҳои халқ ва миллат ягон касро намебахшад».

Дар ин робита, ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999 таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)», қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 марҳилаи нави мубориза ба ин падидаи номатлубро ибтидо гузошт. Дар заминаи чунин иродаи устувори сиёсати зиддикоррупсионии роҳбарияти олии кишвар як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он қабул гардиданд.

Соли 2005 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ қабул шуд. Чун идомаи раванди устувор намудани кафолатҳои ислоҳоти ҳуқуқию институтсионалӣ дар охири соли 2006 баҳри бартараф намудани такрори вазифаҳои сохторҳо ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ миқдори вазорату идораҳо дар ҷумҳурӣ кам карда шуд.

Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикоррупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, муқовимати мақсаднок ба коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашудаи зиддикоррупсионӣ - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки вазифаҳои асосии он аз назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ иборат мебошад. Тавассути ислоҳот ба давраи нав ва васеи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо гузошта шуд.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# ХИЁНАТИ ИҚТИСОДӢ ВА ПОЙМОЛИ МАНФИАТҲОИ ХАЛҚУ МИЛЛАТ НОБАХШИДАНИСТ

(Идома аз саҳ. 2)

Бо назардошти оқибатҳои ногувори ин падидаи номатлуб, Ҳукумати кишвар моҳи январи соли 2008 Стратегияи мубориза бо коррупсия барои солҳои 2008–2012-умро қабул намуда, дар доираи он самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҷиҳати мубориза бар зидди коррупсия муайян намуд, ки татбиқи он ҳоло идома дорад.

Минбаъд низ фаъолияти Агентӣ барои дар амал татбиқ сохтани сиёсати миллӣ дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат, дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо ва ғайра пурзӯр карда шуд.

Дар асоси Стратегияи мубориза бо коррупсия барои солҳои 2008-2012 бояд дар тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои идоравии мубориза бо коррупсия, бо назардошти соҳаи фаъолияти худ, таҳия ва мавриди татбиқ қарор гиранд. Дар онҳо бояд тадбирҳои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои суистеъмол аз мансаб, тасарруфи моликияти давлатӣ, ришваситонӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб тавассути таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо пешбинӣ ва амалӣ карда шаванд.

Ҳаҷм ва паҳншавии коррупсия, пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои миллӣ, шакли сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва шароитҳои ҳуқуқии ин ё он давлат вобаста мебошад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия оид ба истифодаи самарабахши маблағҳо ва молу мулки давлатӣ мебошад. Вазифаҳои назорати давлатии молиявӣ аз ташкил ва амалигардонии санҷиш ва тафтиши иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, фондҳои давлатӣ аз рӯи ҳаҷм, сохтор ва таъиноти мақсаднок, инчунин самарабахшии маблағгузории давлатӣ ва истифодаи амволи давлатӣ, таҳлили асоснокии қисмҳои даромад ва хароҷоти лоиҳаи буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва ғайра мебошад.

Тайи давраи фаъолият Агентӣ 6670 тафтишу санҷишҳои молиявию хоҷагӣ дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидории давлатӣ гузаронида, дар ин ҷараён ба маблағи зиёда аз 671, 4 млн. сомонӣ зарари молиявиро ошкор намуд. Аз маблағи умумии зарари ошкоргардида зиёда аз 123,8 млн. сомонӣ камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ, зиёда аз 136.2 млн. сомонӣ изофанависӣ дар кори таъмиру сохтмон, 39,6 млн. сомонӣ зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ, 102 млн. сомониро талафи воситаҳои пулию молӣ аз бесарусомонии роҳбарон ва мутасаддиёни корхонаю муассисаҳои тафтишгардида, 202 млн. сомонӣ маблағҳои камҳисобишуда ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо, инчунин 66,1 млн. сомониро хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 208,1 млн. сомонӣ ба буҷети давлат ва зиёда аз 141,7 сомонӣ ба суратҳисоби корхонаҳо барқарор карда шудааст.

Воҳидҳои Агентӣ дар натиҷаи фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ ва пешгирикунандаи коррупсия, аз ҷумла оид ба мубориза бо коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва дигар раёсату шуъбаҳои Дастгоҳи марказӣ ва дар маҳалҳо мавҷудаи Агентӣ тайи солҳои 2007-2012-ум 5705 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва марбут ба андозро ошкор намуданд, ки зарари умумии аз ҷиноятҳо расонидашуда 311,2 млн. сомониро ташкил дода, аз он маблағи 90 млн. сомониро рӯёнида ба буҷети давлат барқарор намуданд.

Аз миқдори умумии ҷиноятҳои ошкоркарда 1778 ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин мебошад. Аз шумораи ҷиноятҳои ошкоргардида 2582 ададаш ҷиноятҳои дуздӣ бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкории маблағҳоро ташкил дода, 813 ҷиноят марбут ба порахӯрӣ, тамаъҷӯӣ ва ришваситонӣ мебошад.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии коррупсия тавассути усулҳои маъмурию граждани-ҳуқуқӣ, тарғиботию ташвиқотӣ ва таблиғотӣ чорабиниҳои зарурироҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, инчунин баҳри ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ ва ташаккул додани тоқатнопазирӣ ба зуҳуроти коррупсия кори зиёд амалӣ менамояд. Пешгирии коррупсия ва бархӯрди манфиатҳо, одоби касбӣ, экспертизаи зиддикоррупсионии қонунгузорӣ, ҳукумати электронӣ, хавфҳои коррупсия ва аудити фаъолияту ҷараёни кори идоракунии давлатӣ ҳамчун таҳлили хавфҳои коррупсия, мубориза бар зидди коррупсия, муқобилат ба коррупсия, пешгирӣ (профилактика), огоҳсозӣ, чораҳои превентивӣ ва шаклу усулҳои дигар аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки дар таҷрибаи зиддикоррупсионии ҷаҳонӣ ва ватанӣ мавриди истифода қарор доранд.

Дар Раёсати пешгирии коррупсияи Агентӣ шуъбаи робита бо ҷомеа, воситаҳои ахбори омма ва муносибатҳои байналмилалӣ арзи вуҷуд дорад. Тавассути ин Раёсат Агентӣ соли 2011 дар озмуни «Беҳтарин маркази матбуот», ки аз тарафи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон гузаронида шуд, миёни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар, барои фаъолияти пурсамар, робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкориҳои судманд бо воситаҳои ахбори омма, сазовори ҷойи аввал гардид ва бо дипломи «Беҳтарин маркази матбуот» қадрдонӣ шуд.

Солҳои охир фаъолияти Агентӣ дар самти пешгирии коррупсия афзуда, дар сохтори мақомот соли 2009 шуъба ва соли 2010 Раёсати пешгирии коррупсия таъсис ёфт. То имрӯз ба вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо ва шахсони мансабдор зиёда аз 3665 пешниҳод ва 4500 дастури хаттӣ барои бартараф намудани сабабу шароитҳои ба ҷинояту ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ирсол гардида, дар муҳокимаи аксари онҳо кормандони Агентӣ ширкат варзида, баҳри рафъи камбудиҳои ҷойдошта чораҳои дахлдор андешида шуд. Аз ҷониби кормандони Агентӣ 1879 ҳуқуқвайронкунии маъмурии коррупсионӣ ошкор ва нисбати шахсони гунаҳгор ба маблағи зиёда аз 1,4 млн сомонӣ ҷарима татбиқ шудааст.

Ғайр аз ин, Агентӣ тавассути барномаҳои телевизиону радио ва рӯзномаву маҷаллаҳо беш аз 2230 гузоришу хабари мухтасар оид ба фаъолияти Агентӣ, аз ин ҳисоб 1492 хабару мақолаҳо дар нашрияҳо, 614 барномаҳо дар радио ва телевизион, 139 нишасти матбуотӣ ва мизҳои мудаввар бо иштироки доираи васеи намояндагони ВАО амалӣ карда шудаанд, ки дар онҳо таври шаффоф аз фаъолияти Агентӣ дар назди ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иттилои сариваќтӣ пешниҳод гардидааст. Кормандони Агентӣ дар 2381 ташкилоту корхона баромад карда, дар мавзуъҳои зарарҳои коррупсия, ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, роҳҳои пешгирӣ ва омилҳои бартараф намудани он, рафти иҷроиши Стратегияи мубориза бо коррупсия, зарурати иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар идоракунӣ ва мубориза бо коррупсия семинару суҳбатҳо доир намуданд.

Бо кӯмаки шарики дигари Агентӣ - ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ «Ҷавонони асри нав» веб-сайти Агентӣ http://anticorruption.tj/ мутобиқи талаботи «Тартиби ягона барои веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ», бо се забон – англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ фаслҳои ахборот дар бораи чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ, фаъолияти Агентӣ, Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, телефонҳои боварӣ ва суроғаҳои электронии Агентӣ, низоми машваратии «ON-LINE» (саҳифаи саволу ҷавоби шаҳрвандон ва кормандони масъули Агентӣ), замимаҳо бо шакли мурочиати шаҳрвандон таҷдид ва ба истифода дода шуд. Инчунин дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузории вохӯриҳо бо аҳолӣ ва кормандони вазорату идораҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бораи фаъолияти муштарак дар самти ҷорӣ намудани унсурҳои ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба роҳ монда шудааст.

Ҳамон тавре ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, мубориза бо коррупсия дастаҷамъӣ ва ҳамкории зичро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ талаб мекунад.

Маҳз бо ҳамин мақсад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ба ҳайати Шӯрои мазкур роҳбарони аввали вазорату идораҳо ва мақомоти давлатӣ, инчунин, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ шомил мебошанд, ки масъулияти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар соҳаҳои гуногун ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

Таъсиси Шӯрои миллӣ ҳамчун ниҳоди нерӯи иловагии мубориза бо фасод метавонад дар пешгирии коррупсия, мубориза ва бартараф намудани сабабу шароитҳои бо коррупсия мусоидаткунанда таъсири мусбӣ расонад.

***Миллопар БАНДИШОЕВ, муовини Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия***

# АМАЛЕ, КИ ҲАМЕША МАҲКУМ МЕШАВАД

**Бо ибтикори Созмони Милали Муттаҳид рӯзи 9 декабр ҳамчун Рӯзи муборизаи байналмилалӣ бар зидди коррупсия эълон шудааст. Дар ин рӯз соли 2003 дар шаҳри Меридаи давлати Мексика ҳамойиши баландпояи сиёсӣ барпо гардид, ки намояндаи зиёда аз сад давлати ҷаҳон ҷиҳати тарафдорӣ аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия имзо гузоштанд.**

Дар ҳамойиши мазкур намояндаи комилҳуқуқи Котиби генералии СММ Ханс Корелл даъват кард, ки рӯзи 9 декабри ҳар сол ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия таҷлил карда шавад. Даъвати мазкур аз ҷониби намояндагони давлатҳои ширкатварзида ба хушӣ пазируфта шуд.

Конвенсияи мазкур аз 8 боб ва 71 модда иборат буда, ҳадафи асосиаш ба таври муштарак ва дастаҷамъона таҳким бахшидан ба муборизаи беамон бар зидди коррупсия буда, тамоми давлатҳои ҷаҳонро водор месозад, ки ба ин падидаи номатлуби рӯз тавассути қабул намудани санадҳои зиддикоррупсионӣ, таъсис додани мақомоти махсусгардонидашуда ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ мубориза баранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷудонопазири СММ, моҳи сентябри соли 2006 ба санади мазкур имзо гузошт. Моҳи январи соли 2008 бошад, Парлумони кишвар паймони байналмилалиро тасдиқ намуд. То ин лаҳза 158 кишвари дунё ба паймони мазкур имзо гузоштаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз муқовиматҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, хатари амалҳои номатлуби коррупсияро дарк намуда, мубориза бар зидди фасодро ҳанӯз солҳои 1998-1999 оғоз карда буд. Барои пурзӯр намудан ва таҳким бахшидан бобати мубориза бо коррупсия бори нахуст Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» 21 июни соли 1999 интишор ва ҳамзамон моҳи декабри ҳамон сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид. Бо мақсади вусъат бахшидан баҳри мубориза бар зидди коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2004 таҳти №1340 ба сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда, дар ҳайати он Раёсати мубориза бар зидди коррупсия таъсис дода шуд, ки он ҳамчун мақомоти зиддикоррупсионӣ то моҳи декабри соли 2006 фаъолият намуд.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани бандҳои Конвенсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №143 аз 10 январи соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар баробари ин, баҳри амалӣ сохтани сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо коррупсия дар ҷумҳурӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008 таҳти №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» қабул гардид. Қарори мазкур минбаъд ҳамчун ҳуҷҷати барномавии сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати кишвар эътироф гашта, ҳамчун заминаи устувори тезонидани суръати қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва паст намудани сатҳи коррупсия дар ҷумҳурӣ хидмат намуд.

Дар таърих истилоҳи коррупсия бештар ба ҳокимияти давлатӣ нисбат дода шудааст ва метавон ба натиҷа расид, ки харидани мансабҳои давлатӣ ва фурӯхтани курсиҳои мансаби давлатӣ аз ҷониби давлатдорон ба довталабон як зуҳуроти номатлуб ва фасодзадагии ҷамъиятӣ маҳсуб меёфтааст. Ҳарчанд таърих аз истилоҳи коррупсия кам ёдовар шавад ҳам, ҳанӯз дар ҳазораи севвуми пеш аз милод дар Чини қадим, Ҳиндустон, Мисри қадим навиштаҳое дар рӯйи гилтахтаҳо ва сангҳо вомехӯранд, ки аз мавҷудияти чунин ҷиноят дарак медиҳанд.

Дар рисолаҳо ва китобҳои динӣ низ аз нахустин пайдоиши таърихи инсоният бобати ришвахорӣ ҳукмҳои сахт ба чашм мерасад. Масалан, дар Инҷил омадааст: «Зиёфат ва тухфаҳо чашми хирадро кӯр ва ҳамчун ҷароҳат дар рӯй андомашро безеб мегардонад» (Ветхий 20-29). Агар дар Инҷил ба таври мулоим гирифтани пора ба кӯр шудани ақлу хирад нисбат дода шуда бошад, дар Қуръон ин амал сахт маҳкум шудааст: «Моли мардумро махӯред, қозиёнро нахаред, ки дар ҳузури Худованд гунаҳгор ҳисобида шуда, аз зумраи зиёнкорон хоҳед буд ».(Сураи Бақара/ 188).

Аммо дар сохтори давлатдории дунявӣ аввалин санад ё худ қонуни махсуси ин амал, ки дар таърихномаҳо ба назар мерасад, Қонун «Дар бораи шаробхорӣ ва манфиатҷӯйиву тамаъкорӣ» дар асри XIII мебошад. Дар аҳди Ивани III ин қонун ба ҳукмҳои сахти адои ҷазо дар маҳбасхонаҳо пешбинӣ шуда буд. Аммо дар аҳди набераи Ивани III –Ивани IV, ки бо тахаллуси «Грозний» маъруф аст, барои ришвахорон ҳукми қатлро пешбинӣ карда буд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка бошад, хеле дертар, яъне дар асри ХУ111 муқобили ришваситонӣ қонун қабул карда шуд. Дар ин қонун асосан фурӯхта шудани ҳокимияти судӣ ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ маънидод мешуд. Аз ишораҳои боло бармеояд, ки аз сохторҳои аввалини давлатдории инсоният то кунун нишонаҳои ришвахорӣ вуҷуд доштааст.

Дар адабиёти тоҷику форс ришваситону фасодкорон мазаммат шудаанд. Аз ҷумла дар осори Фирдавсӣ, Унсурӣ, Ҷомӣ, Саъдӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш ва дигарҳо бобати мазаммати ришвахӯрию фасодкорӣ байту қитъаҳои зиёдеро вохӯрдан мумкин аст.

Масалан, Носири Хусрав мегӯяд:

***Ғарра машав ба ришвату пора,***
***ки ҳар чӣ дод,***
***Бистонад аз ту пок ба қаҳру***
***мусодара.***
***Аз макри ӯ тамом напардохт***
***он ки ӯ,***
***Пур кард сад китобу тиҳӣ кард***
***меҳбара.***

Дар ҷаҳони муосир баҳогузории сатҳи фасодкории давлатҳоро Ташкилоти ғайридавлатии байналмилалии мубориза бар зидда коррупсия ва таҳқиқоти сатҳи фасодкорӣ бо номи «Трансперенси Интеренешнл» (Transparency International) муайян менамояд. Ин ташкилот соли 1993 аз тарафи собиқ директори Бонки Умумиҷаҳонӣ Петер Айген дар шаҳри Берлин таъсис дода шудааст. Ҳадафи асосии он таҳлил ва омӯзиши ҳарсолаи афкори умум доир ба фасодзадагӣ ва муайян намудани сатҳи коррупсия дар кишварҳо мебошад. Ин ташкилот дар қисми зиёди кишварҳои ҷаҳон намояндагӣ дорад. Вале айни замон дар Тоҷикистон намояндагии махсуси ин ташкилоти бонуфуз мавҷуд нест. Аммо тадқиқоти мавзуи коррупсия дар Тоҷикистонро тибқи барномаи СММ Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасонад, ки ҳамасола тариқи воситаҳои ахбори омма гузориши он пешкаши омма мешавад.

Тарзи баҳодиҳии Transparency International аз рӯйи шкалаи даҳбала сурат мегирад ва сатҳи фасодзадагии ҳар кишвар муайян карда мешавад. Тибқи натиҷагирии ин ташкилот, шкалаи миёнаи индекси баҳодиҳӣ дар даҳсолаи охир дар Тоҷикистон дар доираи аз 2 то 2,2 бал муқаррар гардидааст ва Тоҷикистон дар байни 183 давлати ҷаҳон дар ҷойҳои 152 - 154-ум қарор дорад. Ин шояд ба назари хонанда ниҳоят паст намояд. Аммо ба иттилои хонандагон мерасонем, ки шкалаи миёнаи индекси баҳодиҳӣ дар даҳ соли охир дар Федератсияи Россия низ аз 2,1 то 2,8 бал муқаррар гардида, Россия дар ҷойҳои 141- 154-ум номнавис шудааст. Дар ин феҳраст кишварҳои сатҳи коррупсияашон хеле нигаронкунанда давлатҳои Афғонистон (176), Ӯзбекистон (172), Қирғизистон (164), Туркманистон (172), Сомали (178) ва ғайра маҳсуб мешаванд.

Тибқи баҳогузории ин ташкилот, ба сегонаи беҳтарин ҳамасола давлатҳои Дания, Зеландияи Нав ва Сингапур дохил шудаанд.

Хавфнокии ин падидаи номатлубро ба инобат гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди коррупсияро яке аз омилҳои муҳим дониста, ҳамагонро барои решакан намудани он даъват менамояд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро зарур аст, ки баҳри муборизаи зидди ин падидаи номатлуб дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор ҳиссаи сазовор гузорад.

***Обид ШАРОПОВ, ҳуқуқшинос***

**● 10 декабр - Рӯзи ҳуқуқи инсон**



**Бахтовар АмиралиевичСафаров 10 марти соли 1983 таваллуд шудааст. Баъди анҷоми таҳсилоти ибтидоӣ дар мактаби миёнаи №3-и ноҳияи Вахш таҳсилро дар мактаб- интернати ноҳия идома медиҳад. Соли 2000-ум ин таълимгоҳ ва соли 2005 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм мекунад. Худи ҳамон сол ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи донишгоҳ - кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ дохил мешавад. Соли 2007 ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДДМТ ба фаъолияти корӣ мепардозад. 31 августи соли 2009 иҷрокунанда ва моҳи феврали соли 2011 мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ интихоб мешавад.**

**Бахтовар Сафаров соли 2010 соҳиби унвони номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардид. Муаллифи зиёда аз 45 маводи чопшудаи илмӣ ва методӣ( аз ҷумла як монография, 18 мақолаи илмӣ, 10 китоби дарсӣ ва васоити таълимӣ, 12 васоити методӣ) мебошад. Самтҳои асосии тадқиқоти илмиаш назария ва таърихи давлат, ҳуқуқи инсон, проблемаҳои риояи ҳуқуқи инсон, стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсонро фаро мегирад.**

**Дорандаи Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимони ҷавон дар соли 2011 мебошад. Барои пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва такмили ихтисос ба як қатор давлатҳои хориҷӣ сафар намудааст.**

**Оиладор, соҳиби як фарзанд.**

# ИНСОН ДАР ИБРОЗИ АНДЕША ВА ИНТИХОБИ АҚИДА БОЯД ОЗОД БОШАД

**Мусоҳиба бо мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бахтовар Сафаров**

**- Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон санадҳои зиёди ҳуқуқӣ қабул гардидааст. Хусусан нимаи дуюми асри ХХ эҳсос мегардад, ки таваҷҷуҳи инсоният ба ин масъала бештар шудааст. Сабаб дар чӣ буд?**

- Дар байни 30 сол ба вуқуъ пайвастани ду ҷанги ҷаҳонӣ, ки ҷони миллионҳо одамонро рабуд, сабаби асосии он гардид. Баъди таъсиси Созмони Милали Муттаҳид то имрӯз зиёда аз 100 санади байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон қабул гардида, амалӣ мешавад. Ин санадҳо ба ҳалли муҳимтарин мушкилоти ҳаёти инсон ва паҳлуҳои гуногуни он мусоидат намудаанд. Аммо дар байни ин санадҳо муҳимтарин ва марказӣ – ин Билли байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ё ба таври дигар маҷмуи санадҳо оид ба ҳуқуқи инсон ба шумор меравад. Он аз панҷ санад - Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва ду санади иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ иборат аст. Бархе аз муҳаққиқон Биллро аз се санад иборат медонанд ва ду санади иловагиро қисми таркибии Паймон мешуморанд.

16 феврали соли 1946 бо резолютсияи Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҳисоби намояндагони давлатҳои аъзо, бо назардошти принсипи ҷуғрофӣ ва шомил будан ба низомҳои гуногуни сиёсӣ, Комиссия оид ба ҳуқуқҳои инсон таъсис ёфт. Ҳамин тариқ, намояндагони Аврупо (Англия, Фаронса, Белгия), Амрико (ИМА, Чили), Осиё (Хитой ва Ҳиндустон), Африқо (Миср), Австралия ва ба сифати намояндагони низоми гуногуни сиёсӣ (ИҶШС) ба комиссия аъзо шуданд. Ин тартиби таъсисёбӣ ба Комиссия имконият дод, ки фаҳмишҳои гуногуни доктриналӣ ва махсусиятҳои идеологии минтақаҳо, инчунин қонунгузориҳои миллиро ҷамъбаст намояд. Аввалан, Комиссия ба хулосае омад, ки Билл бояд аз се қисмат иборат бошад:

1. Эъломия, ки принсипҳои асосӣ ва умумиро оид ба ҳуқуқи инсон эълом менамояд ва дар оянда он бояд ҳангоми қабули санадҳо оид ба ҳуқуқи инсон ба сифати асосҳои бунёдӣ хизмат намояд
2. Паймонҳо, ки характери ҳатмигӣ доранд ва меъёрҳои он аз ҷониби давлатҳои аъзо бояд ҳатман риоя шаванд
3. Таъсиси механизмҳои назоратӣ оид ба иҷроиши уҳдадориҳое, ки аз паймонҳо бармеоянд.

Дар натиҷа, лоиҳаи Эъломия аз ҷониби Комиссия тайёр шуда, 10 декабри соли 1948 дар иҷлосияи Ассамблеяи Генералии СММ бо тарафдории аксарияти кулли аъзо қабул гардид. Аз 56 давлати аъзо 48 давлат тарафдор ва 8 давлат бетараф овоз доданд. Муқобилҳо набуданд.

Қисмати муқаддимавии Эъломия, ки дебоча ном гирифтааст, як навъ мақсади қабули Эъломияро баён намуда, ба ҳамин васила эҷоди дунёи навро мақсад гузоштааст. Ин нукта ва ё мақсад дар Эъломия ба таври зайл омадааст: «… бо дарназардошти он ки таҳқиру беэътиноӣ ба ҳуқуқи башар боиси сурат гирифтани аъмоли ваҳшиёнае гардидааст, ки виҷдони башариятро сахт озурда мегардонад ва эҷоди чунин дунёе, ки дар он одамон дар сухан ва ақида озод ва аз тарсу эҳтиёҷ фориғ бошанд, ҳамчун волотарин орзуи одамон эълон гардидааст, ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро ҳамчун вазифаи тамоми халқҳо ва тамоми давлатҳо эълон медорад».

**-Барои чӣ ин Эъломияро ҳамчун санади асосӣ дар тамоми дунё тавсиф мекунанд?**

> **«Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»**
>
> ***Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби як, моддаи 5***

-Бояд зикр намуд, ки аз лиҳози ҳуқуқӣ Эъломия характери ҳатмӣ буданро барои иҷроиш надошта бошад ҳам, якчанд омилҳоро овардан мумкин аст, ки онро ҳамчун санади бунёдиву асосӣ дар самти ҳуқуқи инсон тавсиф медиҳад. Аввалан, Эъломия ҳамчун қисмати таркибии Билли байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳо ҳуҷҷати бунёдгузор дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад ва меъёрҳои он тавассути санадҳои дигари байналмилалӣ, ки болотар зикр намудем, таъмин мегардад. Дуввум, мувофиқи моддаҳои 55 ва 56-уми Оинномаи СММ давлатҳои аъзо уҳдадоранд санадҳои дар доираи фаъолияти Созмон қабулшударо бечунучаро риоя ва иҷро кунанд. Сеюм, давоми фаъолияти минбаъдаи СММ дар асоси принсипҳои эълоннамудаи Эъломия зиёда аз 100 санад оид ба ҳуқуқи инсон қабул шудааст, ки ҳуқуқҳои дар Эъломия мустаҳкамгардидаро ҳамчун ҳуқуқҳои бунёдӣ эътироф намудаанд.

Гузашта аз ин, дар қонунгузориҳои миллии давлатҳои алоҳида, бахусус ҳангоми қабули Конститутсияи давлат ҳамчун қонуни асосӣ, муқаррароти Эъломия ба инобат гирифта мешаванд.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса баровардан мумкин аст, ки меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гарчанде характери тавсиявӣ дошта бошанд ҳам, дар шароити кунунӣ онро ҳамчун санади бунёдгузоре, ки муқаррароти он то андозае хусусияти ҳатмигиро касб кардааст, шумоϊридан равост. Умуман, нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар ташаккули ҳуқуқи инсон беандоза муҳим буда, меъёрҳои он, аллакай асоси қабули санадҳои зиёди байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон гаштаанд. Принсипҳои бунёдию асосии ҳуқуқҳои инсон, ки дар Эъломия пешбинӣ шудаанд, ба мисли умумиҷаҳонӣ будан, ба ҳам вобаста ва тақсимнопазир будан, баробарӣ ва табъиз накардан дар шумораи зиёди конвенсияҳои байналмилалӣ, эъломияҳо ва резолютсияҳо оиди ҳуқуқҳои инсон бетағйир мустаҳкам ва тасдиқ шудаанд. Принсипҳои мазкур аз нуқтаи назари ба адолат расидан аҳамияти ниҳоят муҳиму ҳалкунанда доранд. Масалан, табъиз накардан яке аз он принсипҳое гардид, ки тамоми меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи инсонро дар бар гирифтааст. Ин принсип дар ҳама шартномаҳои асосии ҳуқуқи инсон мустаҳкам шудаанд ва дар баъзе конвенсияҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи байналмилалӣ оиди барҳам додани ҳама гуна шакли табъизи нажодӣ ва Конвенсия оиди барҳам додани ҳама гуна шакли табъиз нисбати занон ба ҳайси принсипи бунёдию асосӣ маҳсуб ёфтааст.

**-Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқи инсон чӣ тавр муайян ва муқаррар шудааст?**

-Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ меъёрҳои номбурда ва дигар меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба роҳбарӣ гирифта, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар қонунгузории худ ба таври дахлдор мустаҳкам менамояд ва кафолат медиҳад.

Агар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намоем, қариб дар ҳама меъёрҳои он идеяҳои инсондӯстона таҷассуми худро ёфтаанд. Дебочаи Конститутсия, ки қисмати муқаддимавии он ҳисоб мешавад, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф мекунад.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф мекунад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир эълон медорад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътирофу риоя ва ҳифз намудани давлат ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон муайян шудааст. Аз ин ҷост, ки калонтарин боби Конститутсия ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Он 34 моддаро дар бар гирифта, зиёда аз сеяки ҳаҷми умумии Конститутсияро ташкил медиҳад.

Ин рақамҳо худ аллакай далели равшани он аст, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Аз меъёрҳои Конститутсия бармеояд, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он меҳвари асосиест, ки ҳама гуна фаъолият бояд атрофи он, ба истилоҳ, мутамарказ бошанд. Бозгӯйи ин гуфтаҳо меъёри моддаи 14 Конститутсия мебошад, ки бо мазмуни зайл омадааст: «Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд».

Бояд гуфт, ки дар замони муосир ҳангоми таҳлили вазъи риояи ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама қонунгузории он кишвар таҳлил мегардад. Обрую мартабаи давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ бештар ба он вобаста мебошад, ки онҳо то кадом дараҷа ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бо қонунҳои миллӣ эътирофу, риоя мекунанд ва кафолат медиҳанд. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон аҳамияти махсуси ҳуқуқӣ дорад. Имрӯзҳо якчанд механизмҳои байналмилалӣ оид ба муайян кардани мувофиқати вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва баҳодиҳии онҳо дар доираи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ вуҷуд дорад, ки ҳамасола фаъолият мекунанд. Яке аз талаботҳои асосии чунин баҳодиҳиҳо ин меъёрҳои Конститутсия мебошад. Бояд гуфт, ки дар ин ҷода Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли мавқеи Конститутсия оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муносибати арзишӣ доштан ба онҳо муваффақ ва пешсаф аст. Далели ин гуфтаҳо аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ ҳамчун Конститутсияи беҳтарин эътироф шудани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ногуфта намонад, ки инкишоф ё ташаккули ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши воқеӣ аз омӯзиш ва донистани ҳуқуқ вобастагии бевосита дорад. Ба ҳамин хотир, аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ барномаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат оид ба омӯзиши ҳуқуқи инсон амалӣ шуда истодаанд. Дар сатҳи миллӣ низ дар ин самт иқдомҳои ҷиддӣ андешида шуда истодааст.

**- 28 ноябри соли 2012 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» тасдиқ шуд. Мувофиқи ин Барнома, омӯзиши ҳуқуқи инсон бояд дар ҳама муассисаҳои таҳсилотӣ ба роҳ монда шавад. Дар самти омӯзиши ҳуқуқи инсон дар таълимгоҳи шумо чӣ корҳо анҷом дода мешаванд?**

-Бале, ин иқдоми навбатӣ барои фаъолияти мо як дастурамали нави роҳнамо маҳсуб меёбад. Дар ин самт, яъне омӯзиши ҳуқуқи инсон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз пешсафҳо дар кишварамон ба шумор меравад. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар сохтори факултети ҳуқуқшиносӣ ҳанӯз соли 2006 кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ таъсис дода шудааст, ки махсус ба таълими ҳуқуқи инсон ҳам дар факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳам дар ихтисосҳои дигар машғул аст ва айни ҳол роҳбарии он бар дӯши ман аст. Имрӯз дар кафедра як доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, се номзади илми ҳуқуқ, дотсентҳо ва шаш нафар ассистент ба фаъолияти илмию омӯзгорӣ машғул ҳастанд. Ҳамзамон бо даъвати мо, барои дар сатҳи боз ҳам хубтар гузаронидани дарсҳои назариявӣ ва амалӣ, кормандони ботаҷрибаи мақомоти давлатӣ бо донишҷӯён машғулият мегузаронанд.

Тавре маълум аст, дар саросари кишварамон бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон (10-уми декабр) чорабиниҳои гуногуни илмиву амалӣ ва маърифатӣ оид ба ҳуқуқи инсон гузаронида шуданд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ дар доираи нақшаи чорабиниҳои худ чун анъана бахшида ба ин рӯз якчанд конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ баргузор намуд. Аз ҷумла як конфронс таҳти унвони «Стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон: вазъи кунунӣ ва дурнамои рушд» бо ширкати олимону ҳуқуқшиносони варзида доир гардид. Баргузор намудани чунин конфронсҳо барои боз ҳам хубтар омӯхтани ҳуқуқи инсон мусоидат намуда, пешниҳоду фикрҳои ҷолиби диққат баҳри бартараф намудани нуқсонҳои қонунгузорӣ боис мегардад.

***Мусоҳиб Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# МУШКИЛОТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ҲАЛШАВАНДА АСТ

Дар мулоқоти кормандони Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарият, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, маҳаллаҳо, корхонаву муассисаҳо ва имом-хатибони масҷидҳои ҷомеъ ва панҷвақтаи ноҳияи Ҳисор, ки дар толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия доир гардид, масъалаҳои вазъи имрӯзаи муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва саҳми онҳо дар пешрафту тараққиёти ноҳия, иҷозатномадиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳолати бақайдгирӣ ва назорати муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳоҷирони тоҷик дар хориҷи кишвар баррасӣ гардид.

Сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафиалло Девонаев зимни суханрониаш ба иштирокдорон оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи онҳо маълумоти муфассал дод. Ҳамчунин дар рафти мулоқот роҳбари намояндагии Хадамоти федералии муҳоҷирати Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Виктор Себелов, роҳбари намояндагии Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Асрор Одинаев ва сардори Сарраёсати Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Толибҷон Шарифов оид ба касбомӯзӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, донистани таърих, расму ойин ва фарҳанги кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ суханронӣ намуданд.

Иштирокчиёни мулоқот доир ба ташкили марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва касбомӯзӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва ҳамкории зичи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу дархостҳо пешниҳод намуданд.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

# Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3419/1 -1664 | Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 25 | 29.12.2012 соати 9⁰⁰ |
| 3420/1 -1665 | Кумитаи Марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 2 | 29.12.2012 соати 9³⁰ |
| 3421/1 -1666 | Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 30 | 18.12.2012 соати 9⁰⁰ |
| 3422/1 -1667 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 14 | 18.12.2012 соати 9³⁰ |
| 3423/1 -1668 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Дарахтони ҳамешасабз | номгуй | 11 | 18.12.2012 соати 10⁰⁰ |
| 3424/1 -1669 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгуй | 21 | 29.12.2012 соати 10⁰⁰ |
| 3425/1 -1670 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 66 | 29.12.2012 соати 10³⁰ |
| 3426/1 -1671 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 8 | 29.12.2012 соати 11⁰⁰ |
| 3427/1 -1672 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Либоса ва рахти хоб | номгуй | 5 | 29.12.2012 соати 11³⁰ |
| 3428/1 -1673 | Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 66 | 29.12.2012 соати 14⁰⁰ |
| 3429/1 -1674 | Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мебел | номгуй | 5 | 29.12.2012 соати 14³⁰ |
| 3430/1 -1675 | Литсейи касбии алоқа | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгуй | 16 | 18.12.2012 соати 11⁰⁰ |
| 3431/1 -1676 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92<br>Қисмҳои эҳтиётӣ | сомонӣ<br>номгуй | 86260<br>42 | 18.12.2012 соати 11³⁰ |
| 3432/1 -1677 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 25 | 18.12.2012 соати 14⁰⁰ |
| 3433/1 -1678 | Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 11 | 18.12.2012 соати 14³⁰ |
| 3434/2 -907 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 90 | 29.12.2012 соати 9⁰⁰ |
| 3435/3 -793 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №60 н.Синои шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири толор | тибқи санади нуқсонӣ | | 18.12.2012 соати 9⁰⁰ |
| 3436/3 -794 | Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири системаи гармидиҳӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.12.2012 соати 9⁰⁰ |
| 3437/3 -795 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Барномаҳои компютерӣ | тибқи нақша | | 29.12.2012 соати 9³⁰ |
| 3438/3 -796 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории роҳравҳои бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.12.2012 соати 10⁰⁰ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ТАСҲЕҲ

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти №3287/2-892, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 26 ноябри соли 2012 таҳти №146 (2973) нашр шудааст, номи ташкилоти Харидор ба ҷойи Маркази саломатии шаҳрии №1- Маркази саломатии шаҳрии №11 хонда шавад.

***

Дар Даъватномаи иштироки озмун таҳти № 3351/1-1623, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 4 декабри соли 2012 таҳти №148 (2975) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 10 ноябри соли 2012, 10 декабри соли 2012 хонда шавад.

***

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти № 3370/3-781, №3365/3—780, №3368/2-899, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 4 декабри соли 2012 таҳти №148 (2975) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 25 декабри соли 2012, 14 декабри соли 2012 хонда шавад.


## ВЕНОРМ- Малҳам ва хурӯшаҳо бар зидди варикоз




**Тавсияҳои умумӣ:**
-кам кардани вазн;
-даст кашидан аз қабули ваннаҳои ҷӯш;
-пӯшидани пойафзоли пошнаҳояшон пасттар аз 3-4 см;
-бастани бинтҳои эластикӣ (танҳо хобида ё нишаста пой дароз карда бинтпеч кунед, ба ҳеҷ сурат рост истода не).
Маҳсулот дорои сертификат мебошад.

Садҳо миллион одамон аз бемориҳои варикозӣ азият мекашанд ва ду фоизи онҳо маъюб мешаванд.

Дардмандон барои табобати варикоз давоҳои синтетикиро истифода мебаранд. Ин воситаҳои синтетикӣ як қатор таъсири манфӣ доранд. Ба ғайр аз он, ин воситаҳоро бо дигар комплексҳои синтетикӣ истифода бояд бурд, то ин ки таъсири он бештар шавад.

Ширкати илмию истеҳсолии «Биолит»-и Россия дар шакли хурӯшаҳо барои истеъмоли дарунӣ ва дар шакли малҳам барои истеъмоли берунӣ, воситаи нодири баландтаъсир- ВЕНОРМ-ро коркард намудааст, ки ҳангоми истифодабарии он дигар доруворихои комплексӣ истифодааш лозим намешавад.

*ВЕНОРМ воситаи самараноке барои истифода ҳангоми бемории варикоз, тромбофлебит ва бавосир (геморрой)-и бардавом дар ҳама марҳилаҳои он мебошад-(барои истифода бурдани геморой 1 қошуқча - 3 бор).

* Барои ба меъёр даровардани гардиши шарёнии хун мусоидат мекунад, хавфи суддабандиро дар гиреҳҳои варикозӣ коҳиш медиҳад.

* Эҳсоси вазниниро рафъ месозад, хастагии пойҳоро аз байн мебарад ва намуди зоҳирии пӯстро беҳ мегардонад.

* Ба онҳое, ки касбашон бо сарбории калон ба пойҳо ва камҳаракатӣ вобаста аст, ба ҳомиладорон ва ғайра тавсия мешавад.

*Аз халалёбии гардиши хун ҳангоми диабет (бемории қанд) шифо мебахшад.

Таъсири ВЕНОРМ дар сурати истеъмоли ҳамзамони доначаҳо ва малҳам меафзояд, чунки дар ин ду шакл ҷавҳарҳои гиёҳҳое махсус ҷамъ оварда шудаанд, ки комплексҳои табобатиро дар бар мегиранд.

Барои гирифторони бемории қанд глюкоза бо сорбит иваз карда шудааст.

| Восита | Муддати истеъмол | Тартиби истеъмол |
|---|---|---|
| Венорм-хурӯшаҳо | 4 ҳафта, 45 рӯз фосила, сипас давраи табобатӣ такрор карда мешавад | Дар як рӯз се бор 1-қошуқчагӣ |
| Венорм-малҳам | Ҳамзамон бо хурӯшаҳои Венорм | Дар як рӯз ду бор ба ҷойҳои бемор молидан лозим |

**Натиҷаҳои аввалин аллакай баъди ду ҳафтаи истеъмол аён мешаванд.**

**Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он 985-33-33-17.**
**Аз дорухонаҳои шаҳр дастрас намоед.**


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 21 декабри соли 2012 музоядаи № 29-ро оид ба фурӯши иншоотҳои ғайриманқул баргузор менамояд

1. Чилу се адад воситаҳои асосии аз истифода баровардашудаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», воқеъ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, бо нархи ибтидоии 300 000 сомонӣ.

2. Як қисм воситаҳои асосии филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», воқеъ дар шаҳри Исфара, кӯчаи Навобод, бо нархи ибтидоии 500 000 сомонӣ.

3. Як қисми бинои коргоҳи сехи асбобсозии КВД «Тоҷиктекстилмаш»-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев 7, бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 21 декабря 2012 года проводит аукцион № 29 по продаже недвижимости

1. Сорок три единиц основных средств бывших в употреблений ОАО «Тоҷиктелеком», адрес районы республиканского подчинения, стартовая стоимость 300 000 сомони.

2. Часть основных средств филиала ОАО «Тоҷиктелеком», адрес: город Исфара, стартовая стоимость 500 000 сомони.

3. Часть здания инструментального цеха ГУП «Тоҷиктекстилмаш» Министерства энергетики и промышленности Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Назаршоева 7, стартовая стоимость 150 000 сомони.

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Метод проведения: **английский.** Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ.

В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можно получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**






## БАРҲАМ МЕХӮРАД

◆Шаҳрванд Наҷмуддинов Фахриддин, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии бо РЯМ 1230017324 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 19 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

◆Шаҳрванд Хайруллоева Ҳафиза, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0224275 бо РЯМ 0530086132 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 20 феврали соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

◆Шаҳрванд Негматова Раъно Қурбоновна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0017340 бо РЯМ 0930004772 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 3 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

◆Шаҳрванд Саидакбаров Баҳромҷон Абдулаҳатович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0146234 бо РЯМ 0330098945 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29 октябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

◆Шаҳрванд Ҳасанов Ҳомидҷон Сафарович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0027985 бо РЯМ 0930007980 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 22 январи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

◆ҶДММ «ТС «Нури Балх» бо РМА 020026679, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Парвин 27, ҳуҷраи 8 (ҳоло М. Миршакар 27, ҳуҷраи 8) фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як-моҳ қабул карда мешавад.

◆ҶДММ «Хол-хизматрасон», воқеъ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

◆ҶДММ «Нӯх Як Як» бо №0016826 дорои РЯМ 0210002430, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 32/2, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

◆ҶДММ «Сонатек» бо №0201645 дорои РЯМ 0210014750, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамов 17/1, ҳуҷраи 8, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪЛОН

Иҷрочии Суди иқтисодии шаҳри Душанбе санаи 10 январи соли 2013 соати 10⁰⁰ музоядаи (аукцион) фурӯши амволи ба гаравмондаи соҳибкор Имомова Лутфиямanзили истиқоматии дуҳуҷрагӣ дар ошёнаи чорум бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 6«а», ҳуҷраи 44-ро дар ҳамин суроға такроран ташкил мекунад.

Нархи ибтидоии манзил – 164900 сомонӣ. Пешпардохт барои иштирок дар музояда – 5 фоиз аз нархи ибтидоӣ.

Тамос барои маълумоти иловагӣ: **227-07-37.**

## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Рӯдакӣ тариқи музояда амволи ба гаравмонда:

- манзили истиқоматии якошёна, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Пахтакор иборат аз ду ҳуҷра ва долон бо иншооти ёрирасон

- манзили истиқоматии дуошёна: ошёнаи якум иборат аз се ҳуҷра ва долон, ошёнаи дуюм иборат аз як ҳуҷра ва долон бо иншооти ёрирасонро, ки ба қарздор Пулатов Баҳодур Сусонович тааллуқ доранд, санаи 7 январи соли 2013 бо нархи ибтидоии 63823 сомонию 90 дирам ба фурӯш мебароранд.

Телефон барои маълумоти иловагӣ: **8 313722797, 917-04-70-37.**

***

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Рӯдакӣ тариқи музояда амволи ба ҳабсгузошта – се сар ғуноҷини рангаш сиёҳро 17 декабри соли 2012 бо нархи ибтидоии 2000 сомонӣ ба фурӯш мебароранд.

Телефон барои маълумоти иловагӣ: **8 313722797, 917-04-70-37.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

◆Шиносномаи силсилаи А №3021468-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13 январи соли 2004 ба Одинаева Нигора Абдураҳмоновна додааст, эътибор надорад.

◆Дафтарчаи имтиҳонии №83/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2010 ба Мирзоев Алишер Бахриддинович додааст, эътибор надорад.

◆Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №8Ш-1361-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 12 майи соли 2010 бо суроғаи кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/14, ҳуҷраи 7 ба Бафаев Абдулло Нарзуллоевич додааст, эътибор надорад.

◆Шиносномаи техникии таҳти феҳристи №25830-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 19 декабри соли 2001 бо суроғаи кӯчаи Коргар 2/2, ҳуҷраи 5 ба Норбоев Муҳаммад Махмудович додааст, эътибор надорад.

◆Номаи камоли Т-ШТА №0196375-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2008 ба Бобоев Дилшод додааст, эътибор надорад.

◆Шиносномаи техникии таҳти №3111-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Ҳисорак (ҳоло Буни Ҳисорак) ҳавлии 41-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10 июни соли 1962 ба Маджидов Олимбег додааст, эътибор надорад.

◆Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи №12 Д-345-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Мушфиқӣ, бинои истиқоматии нотамоми 50 ҳуҷрадор (ҳоло ба номи ҶДММ «Тоҷикистон») 18 августи соли 2004 ба қайд гирифта шудааст, эътибор надорад.

◆Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №8Д-2727-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино - 2)-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Роҳи Навӣ ҳавлии 36 «а»-и шаҳри Душанбе 14 сентябри соли 1991 ба Қаландарова Қизон Қодировна додааст, эътибор надорад.

◆Билети донишҷӯӣ ва дафтарчаи имтиҳонии №27/10-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2010 ба Назирмадов Толибҷон Бегимадович додааст, эътибор надорад.

◆Дипломи ДТО № 0018205-и гумшуда, ки онро Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишкадаи молия ва иқтисод) –и Тоҷикистон соли 2010 ба Султанов Асроржон Давлатёрович додааст, эътибор надорад.

◆Билети донишҷӯйии №12091-02-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия соли 2012 ба Мирзаев Отабек Қурбонвоевич додааст, эътибор надорад.

◆Дафтарчаи имтиҳонии №083/2012-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2012 ба Изатов Муҳаммад додааст, эътибор надорад.

◆Номаи камоли Т-ШТУ №0000482-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи №2-и ба номи С. Айнии ноҳияи Ҳисор соли 2006 ба Худоёров Гулмурод Холмуродович додааст, эътибор надорад.

◆Дафтарчаи имтиҳонии №011-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2010 ба Фарҳоди Имомалӣ додааст, эътибор надорад.

◆Шаҳодатномаи бақайдгирии таҳти №12122-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Шапкин, ҳавлии 215-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20 декабри соли 1988 ба Салимҷонова Азиза Абипалиповна додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 7 декабри соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха

Навбатдори шумора Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова